«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Директори Институти таърих,
бостоншиносӣ ва мардумшиносии
ба номи Аҳмади Дониши АМИТ
д.и.т. __________ Муродзода А.А.
аз «____» __________ соли 2026

**ХУЛОСАИ**

**Шуъбаи бостоншиносии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши АМИТ ба диссертатсияи Асомиддинзода Саидшо Сангалӣ дар мавзуи «Ёдгориҳои асримиёнагии ноҳияи Данғара (асрҳои III – XVIII)», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз руйи ихтисоси 6D020800 – бостоншиносӣ ва мардумшиносӣ (6D020801 – бостоншиносӣ)**

Диссертатсияи Асомиддинзода Саидшо Сангалӣ дар мавзуи «Ёдгориҳои асримиёнагии ноҳияи Данғара (асрҳои III – XVIII)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020800 – бостоншиносӣ ва мардумшиносӣ (6D020801 - бостоншиносӣ) дар шуъбаи бостоншиносӣ иҷро шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Асомиддинзода Саидшо Сангалӣ доктори фалсафа (PhD)-и шуъбаи бостоншиносӣ ба шумор мерафт.

Асомиддинзода Саидшо Сангалӣ соли 2014 ба ихтисоси бостоншинос – омӯзгори таърих дар кафедраи бостоншиносӣ ва мероси ниёгони факултети таърих ва ҳуқуқи Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент дохил шуда, онро соли 2019 бо муваффақият хатм намудааст. Пас аз хатми донишгоҳи номбурда барои идомаи таҳсил ба шуъбаи магистратура аз рӯйи ихтисоси 1М – 21.03.01 – 02 таърих (бостоншиносӣ) дохил шуда, соли 2021 зинаи мазкурро бо ихтисоси таърих (бостоншиносӣ) хатм кардааст.

Номбурда бо фармоиши президенти АМИТ Ф.Қ. Раҳимӣ аз «31» августи соли 2021 таҳти № 274, ба зинаи докторантураи фалсафа (PhD) ба шуъбаи бостоншиносии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносӣ ба номи А. Дониши АМИТ, қабул карда шудааст ва онро

соли 2024 аз рӯйи ихтисоси бостоншиносӣ бо муваффақият ба итмом расонидааст.

Диссертатсияи Асомиддинзода Саидшо Сангалӣ дар мавзуи «Ёдгориҳои асримиёнагии ноҳияи Данғара» дар ҷаласаи Шурои олимони Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон 24 сентябри соли 2021 (қарори № 6) муҳокима ва тасдиқ гардидааст.

Роҳбари илмии диссертант доктори илмҳои таърих, академик Юсуфшо Яқубов мебошад.

Баъди муҳокима ва баррасии минбаъдаи мавзуъ, унвони диссертатсия бо мақсади дақиқтар инъикос намудани доираи хронологии таҳқиқот тағйир дода шуда, бо номи «Ёдгориҳои асримиёнагии ноҳияи Данғара (асрҳои III–XVIII)» пешниҳод ва тасдиқ гардид.

Диссертатсияи Асомиддинзода Саидшо Сангалӣ дар ҷаласаи шуъбаи бостоншиносии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши АМИТ аз «01» октябри соли 2025 №7 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсия дар мавзуи ««Ёдгориҳои асримиёнагии ноҳияи Данғара (асрҳои III – XVIII)» чунин хулоса қабул карда шуд:

Диссертатсияи Асомиддинзода Саидшо Сангалӣ дар мавзуи «Ёдгориҳои асримиёнагии ноҳияи Данғара (асрҳои III–XVIII)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020800 – бостоншиносӣ ва мардумшиносӣ (6D020801 – бостоншиносӣ) дар шуъбаи бостоншиносии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон таҳия гардидааст.

Дар раванди таҳияи рисолаи илмӣ диссертант ҳамчун доктори фалсафа (PhD)-и шуъбаи бостоншиносии Институт фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ анҷом дода, дар корҳои саҳроӣ, омӯзиш ва таҳлили маводди бостоншиносӣ, инчунин таҳқиқи сарчашмаҳои таърихӣ иштироки фаъолона намудааст.

Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба талаботи шиносномаи ихтисоси 6D020800 – бостоншиносӣ ва мардумшиносӣ (6D020801 – бостоншиносӣ) пурра мутобиқат менамояд. Дар доираи таҳқиқот масъалаҳои марбут ба омӯзиш, таҳлил, тасниф, даврабандӣ ва муайян намудани хусусиятҳои таърихию фарҳангии ёдгориҳои асримиёнагии ноҳияи Данғара ба таври ҳамаҷониба ва илмӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Таҳқиқоти диссертатсионии Асомиддинзода Саидшо Сангалӣ дар мавзуи «Ёдгориҳои асримиёнагии ноҳияи Данғара (асрҳои III–XVIII)» аз ҷумлаи корҳои муҳимми илмӣ ба шумор меравад, ки дар он бори аввал дар заминаи маводди саҳроӣ, маълумоти бойгонӣ ва сарчашмаҳои хаттӣ маҷмӯи ёдгориҳои асримиёнагии ноҳияи Данғара ба таври мукаммал, низомманд ва илмӣ таҳқиқ гардидааст.

Диссертант бо истифода аз усулҳои муосири таҳқиқоти бостоншиносӣ, таҳлилҳои муқоисавӣ ва таснифоти илмӣ марҳалаҳои асосии ташаккул ва рушди ёдгориҳои асримиёнагиро дар иртибот бо равандҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии минтақа муайян намуда, хусусиятҳои хоси онҳоро шарҳу тавзеҳ додааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот дорои аҳаммияти муҳимми илмӣ ва амалӣ буда, метавонанд барои омӯзиши минбаъдаи таърихи асримиёнагии Тоҷикистон, таҳияи харитаҳои бостоншиносӣ, муратгабсозии феҳристи ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ, инчунин ҳифз ва муаррифии мероси таърихию фарҳангии миллӣ ҳамчун сарчашмаи боэътимоди илмӣ истифода шаванд.

**Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар** ҷумҳурӣ дар он зоҳир мегардад, ки

натиҷаҳои таҳқиқот барои такмили омӯзиши таъриху фарҳанги миллӣ, ҳифз ва муаррифии мероси таърихию бостоншиносии Тоҷикистон аҳаммияти муҳим доранд. Маводди бадастомада метавонад ҳангоми таҳияи асарҳои ҷамъбастӣ оид ба таърихи халқи тоҷик, омода намудани харитаҳои бостоншиносии Тоҷикистон ва харитаи бостоншиносии ноҳияи Данғара мавриди истифода қарор гирад.

Ҳамзамон, натиҷаҳои диссертатсия метавонанд дар ҷараёни таълим ва таҳияи маводди таълимӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олӣ ҳамчун маводди ёридиҳанда истифода шаванд. Аз ҷумла, онҳо дар таълими курсҳои академӣ, ба монанди «Асосҳои бостоншиносӣ дар Тоҷикистон», «Бостоншиносии давраи асримиёнагӣ» ва «Таърихнигории бостоншиносии Тоҷикистон» аҳаммияти назариявию амалӣ доранд.

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Теъдод ва муҳтавои интишороти илмии довталаб ба мазмуну муҳтавои диссертатсия ва автореферати он пурра мутобиқат менамоянд. Интишороти илмии муаллиф ба талаботи сархати якуми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошанд.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 9 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд. Ҳамзамон, нуктаҳои муҳимми таҳқиқот дар конференсияҳои ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ (солҳои 2021–2025), инчунин дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ ва илмӣ-назариявии ҳайати профессорону кормандони Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (солҳои 2021–2025) мавриди маъруза, муҳокима ва баррасии илмӣ қарор гирифтаанд.

**Саҳми шахсии довталаб дар таҳқиқот.** Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки ӯ мустақиман аз

сарчашмаҳои муътамад ва маводди бойгонӣ, аз ҷумла бойгонии Шуъбаи бостоншиносӣ истифода намуда, таҳқиқоти мукаммали илмӣ анҷом додааст. Дар натиҷаи омӯзиши амиқ муаллиф бори нахуст самтҳо ва имкониятҳои рушди минбаъдаи соҳа, махсусан вобаста ба ёдгориҳои асримиёнагии ноҳияи Данғара ва аҳаммияти онҳо дар рушди илми бостоншиносии кишварро аз дидгоҳи илмӣ асоснок ва таҳлил намудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Дар диссертатсия бори нахуст масъалаҳои марбут ба омӯзиш ва таҳлили ёдгориҳои таърихию бостоншиносии асримиёнагии ноҳияи Данғара, ки ба асрҳои III–XVIII мелодӣ мансуб мебошанд, мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор гирифтаанд. То имрӯз чунин таҳқиқоти фарогир ва муназзам дар ин самт анҷом дода нашуда буд.

Таҳқиқот дар заминаи маълумоти бостоншиносӣ ва бо истифода аз усулҳои муосири таҳқиқоти таърихӣ анҷом ёфта, ба омӯзиши ҳамаҷонибаи ёдгориҳои моддии фарҳангӣ ва таҳлили хусусиятҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии онҳо равона гардидааст.

Навоварии илмии таҳқиқот дар нукоти зерин инъикос меёбад:

- масоили ҷуғрофӣ, таърихӣ ва маъмурии ноҳияи Данғара баррасӣ гардид;
- марҳилаҳои асосии омӯзиши ёдгориҳои таърихии ноҳияи Данғара муайян карда шуд;
- масъалаҳои топонимӣ ва санагузории ёдгориҳои таърихии ноҳия таҳқиқ гардид;
- ёдгориҳои бостоншиносии ибтидои асримиёнагии ноҳия мушаххас шуд;
- ёдгориҳои бостоншиносии асрҳои IX–XII мавриди таҳлил қарор гирифт;
- ёдгориҳои бостоншиносии асримиёнагии баъдина (асрҳои XIII–XVIII) баррасӣ шуд;
- аҳаммияти ёдгориҳои бостоншиносии ноҳияи Данғара дар таҳқиқи таърихи асрҳои миёнаи халқи тоҷик муайян гардид;

- - ёдгориҳои меъмории  мақбараҳои Шайх Шақиқи Балхӣ ва Мавлоно Обиддин мавриди омӯзиш қарор гирифт;
- ёдгории меъмории мақбараи Мавлоно Тоҷиддин таҳқиқ шуд.

**Аҳамияти илмӣ-назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Диссертатсия дорои аҳаммияти муҳимми илмӣ-назариявӣ ва амалӣ буда, натиҷаҳои он метавонанд дар пешбурди фаъолияти илмии муаррихон, бостоншиносон ва дигар мутахассисони соҳа накши муассир дошта бошанд. Натиҷаҳои таҳқиқот барои амиқтар дарк намудани таърихи давраҳои қадим, қадимтарин ва асрҳои миёнаи халқи тоҷик, бахусус дар доираи омӯзиши мероси моддии ноҳияи Данғара, заминаи боэътимоди илмӣ фароҳам меоранд.

Дар диссертатсия ҷанбаҳои муҳимми бостоншиносии минтақа мавриди таҳқиқ қарор гирифта, маълумоти нав ва таҳлили сарчашмаҳои мавҷуда пешниҳод шудаанд, ки аҳаммияти назариявии муҳим доранд. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар амал ҳангоми анҷом додани корҳои саҳроии бостоншиносӣ, таҳияи харитаҳои таърихию бостоншиносӣ, инчунин зимни таълифи мақолаҳо, монографияҳо ва дигар таҳқиқоти илмии марбут ба таърих ва бостоншиносии Тоҷикистон васеъ истифода шаванд.

Мавзуи диссертатсияи Асомиддинзода Саидшо Сангалӣ дар мавзуи «Ёдгориҳои асримиёнагии ноҳияи Данғара (асрҳои III – XVIII)» ба ихтисоси 6D020800 – бостоншиносӣ ва мардумшиносӣ (6D020801 – бостоншиносӣ) пурра мутобиқат менамояд.

Мавзуи диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34, 35 ва 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, ҳамчунин ба шиносномаи ихтисоси илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D020800 – бостоншиносӣ ва мардумшиносӣ (6D020801 – бостоншиносӣ) мувофиқат мекунад.

Мавзуи таҳқиқот ба омӯзиш, таҳлил ва ҷамъбасти илмии ёдгориҳои бостоншиносии асримиёнагии ноҳияи Данғара, муайян намудани хусусиятҳои таърихӣ ва фарҳангии онҳо, масъалаҳои даврабандӣ ва ҷойгоҳи онҳо дар рушди фарҳанги моддии минтақа бахшида шудааст.

Диссертатсия Асомиддинзода Саидшо Сангалӣ дар мавзуи «Ёдгориҳои асримиёнагии ноҳияи Данғара (асрҳои III – XVIII)» аз муқаддима, се бобу, нуҳ зербоб, хулоса ва руйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Вобаста ба мавзуъ ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ 9 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 дар маҷаллаҳои илмии дар феҳристи Комиссияи аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридбуда, интишор гардидааст ташкил медиҳад.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст.

## ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ИЛМӢ

### I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:

[1-М] Саидшои, С. Ёдгориҳои асримиёнагии ноҳияи Данғара [Матн] / С. Саидшои // Муаррих. – 2024. – №1. – С.160-166.

[2-М] Яқубов, Ю.Я. Давраҳои омӯзиши ёдгориҳои археологии ноҳияи Данғара [Матн] / Я.Ю. Яқубов, С. Сангалӣ // Паёми ДМТ. – 2024. – №11. – Қ.1. – С.147-154.

[3-М] Асомиддинзода, С.С. Муомилоти пулии ноҳияи Данғара аз асрҳои V то нимаи аввали асри XIX дар таҳқиқоти Давлатхоҷа Довудӣ [Матн] / С.С. Асомиддинзода // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2025. – №2. – С.248-258.

[4-М] Асомиддинзода, С.С. Ёдгории асримиёнагии Сари Купрук ва аҳамияти он дар таҳқиқи таърихи ноҳияи Данғара [Матн] / С.С. Асомиддинзода // Муаррих. – 2025. – №3. – С.128-137.

## II. Мақолаҳо ва фишурдаи интишоротдар маҷмуаҳои дигар нашр шудаанд:

[5-М] Саидшои, С. Омӯзиши ёдгориҳои асримиёнагии Данғара [Матн] / С. Саидшои // Культурное наследие Таджикистана в археологической и междисциплинарной интерпретации. Сборник статей в честь юбилея Татьяны Германовны Филимоновой. – Душанбе, 2022. – С.291-295.

[6-М] Сангалӣ, С. Таҳқиқи ёдгориҳои меъмории асримиёнагии ноҳияи Данғара [Матн] / С. Сангалӣ // Комплексные результаты археологических исследований в Таджикистане. Тезисы докладов (Душанбе, 18-20 марта 2024 г.). – Барнаул: Изд-во Алт-ун-та, 2024. – С.44.

[7-М]. Саидшои, С. Ҳафриёти бостоншиносӣ дар ноҳияи Данғара [Матн] / С. Саидшои // Дастовардҳои бостоншиносӣ, маданияти модиву фарҳангии водии зарафшон ва ҳудудҳои ҳаммарз. Конфренсияи байналмилалии илмӣ. – Душанбе: Ганҷи хирад, 2024. – С.114-115.

[8-М] Саидшои, С. Омӯзиши ёдгориҳои меъмории Данғара / С. Саидшои // Конфренсияи илмӣ-амалии «Илм аз дидгоҳи олимони ҷавон» (Бахшида ба эълон гардидани соли 2024 – Соли маърифати ҳуқуқӣ). – Душанбе, 2024. – С.144-146.

[9-М] Асомиддинзода, С.С. Топонимика ва мафҳуми вожаи Данғара [Матн] / С.С. Асомиддинзода // Илм аз дидгоҳи олимони ҷавон. Маводи конференсияи 1-уми ҷумҳуриявии илмӣ-амалии «Нақши олимони ҷавон дар рушди илм, инноватсия, иқтисоди рақамӣ ва давлатдории миллӣ». – Душанбе: Дониш, 2025. – С.111-118.

## ҶАЛАСА ҚАРОР КАРД:

1. Диссертатсияи Асомиддинзода Саидшо Сангалӣ дар мавзуи «Ёдгориҳои асримиёнагии ноҳияи Данғара (асрҳои III – XVIII)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D020800 – бостоншиносӣ ва мардумшиносӣ (6D020801 - бостоншиносӣ)

ба ҳисоб рафта, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

2. Диссертатсияи Асомиддинзода Саидшо Сангалӣ дар мавзуи «Ёдгориҳои асримиёнагии ноҳияи Данғара (асрҳои III – XVIII)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D020800 – бостоншиносӣ ва мардумшиносӣ (6D020801 – бостоншиносӣ) бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии 6D.KOA-129-и назди Институтa таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи шуъбаи бостоншиносии Институти таърих бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши АМИТ санаи 1 октябри соли 2025 муҳокима гардидааст.

Иштирок доштанд: ҳамагӣ- 11 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳи «тарафдор»- 11 нафар, «зид»- нест, «бетарафдор»- нест.

**Раиси ҷаласа:**
**Мудири Шуъбаи бостоншиносии**
**Институти таърих, бостоншиносӣ ва**
**мардумшиносии ба номи А. Дониши**
**Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**
**доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи**
**ихтисоси таърих** Мирзоев Ш.Ҷ.

**Котиби ҷаласа**: Ибрагимова Р.

*Имзои Мирзоев Ш.Ҷ., Ибрагимова И.-ро тасдиқ мекунам:*

**Нозири кадри Институти таърих,**
**бостоншиносӣ ва мардумшиносии**
**ба номи А. Дониши АМИТ**
**«15» 10 соли 2025** Файзуллоева Г.К.